# ТАҚРИЗИ

**Роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ дар мавзуи «Самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ (дар мисоли хоҷагиҳои вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Яке аз назарияҳои муосире, ки мавқеъ ва нақши минтақаҳои мамлакатро дар самти рушди хоҷагии қишлоқ муайян менамояд, ин назарияи рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ки бевосита барои дарёфти механизми оптималикунонӣ, ҷойгиркунонӣ ва махсусгардонии хоҷагии қишлоқ равона менамояд. Ин раванд барои тараққиёти ҳар як минтақаи мамлакат барои дигаргунсозии иқтисодӣ равона гардида, махсусгардонии хоҷагии қишлоқро дар асоси ҷорӣ намудани дастовардҳои илму техника, диверсификатсияи алоқаҳои иқтисодӣ такомул медиҳад. Рушди иқтисодии минтақаҳо аз бисёр ҷиҳат бо бартарафсозии зиддият байни истеҳсолот ва истеъмолот вобастагӣ дорад, ки дар ҳолати барзиёдистеҳсолкунии молҳо ва ё камистеҳсолкунии намудҳои алоҳидаи маҳсулот дар минтақаҳои алоҳида ба миён меояд.

Аз ин рӯ, бояд ҳангоми бурдани таҳқиқоти илмӣ дар самти оптималикунонӣ, ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ шароити табиӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ва демографӣ ба инобат гирифта шавад. Дар ин самт аввал бояд ба истифодабарии пурра ва оқилонаи захираҳои мавҷуда такя намуд. Дуюм, рушди иқтисодӣ дар минтақаҳо дар самти оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, пеш аз ҳама, бояд ба ҷорӣ намудани навовариҳо, баланд намудани сатҳи истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва табиӣ, муътадилгардонии вазъияти иқтисодӣ, баланд намудани сатҳи зиндагонии қишрҳои аҳолӣ, беҳтар намудани муҳити соҳибкории кишоварзӣ ва сармоягузорӣ, диверсификатсияи фаъолияти иқтисодиёти кишоварзӣ такя намояд. Ҳамаи ин хусусиятҳо барои оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар вилояти Хатлон ниҳоят зарур мебошад.

Масъалаи баррасишаванда дар шароити имрӯзаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он ҷиҳат боз хеле муҳим мегардад, ки муносибатҳои бамиёномада дар хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ истифодаи

фишингҳои муосирро ҳам барои баҳодии вазъи ҷойгиркунонӣ ва махсусгардонии истеҳсолот, инчунин такмили онро аз ҷиҳати илмӣ бо назардошти махсусгардонии истеҳсолот тақозо мекунад. Ҳамаи ин аҳаммияти таҳқиқоти илмиро оид ба минбаъд такмил додани ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии соҳаҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, асосноккунии роҳҳои баланд бардоштани самараи онҳоро дар шароити нави хоҷагидорӣ муҳим мегардонад.

Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ соли 2004 ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дохил шуда, онро соли 2009 аз руйи ихтисоси иқтисодчӣ хатм намудааст. Соли 2011 ба шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ҳамчун унвонҷӯ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар КАС дохил шуда, онро соли 2016 хатм намудааст.

Кори диссертатсионии Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ аз мукаддима, 3 боб, 10 зербоб, хулосаю тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар мукаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, обеъкт ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми кори диссертатсионӣ "Ҷабҳаҳои назариявии ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва самаранокии он дар хоҷагии қишлоқ номгузорӣ гардида, дар бораи зарурияти ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва оптималикунонии он дар соҳаи кишоварзӣ маълумот дода шудааст. Инчунин, унвонҷӯ дар зербоби 1.3. таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва оптималикунонии хоҷагии қишлоқро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар боби дуюм "Вазъи кунунии раванди ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва оптималикунонӣ дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон" мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор дода шуда, роҳҳои асосии таъмини самаранокии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар шароити гуногунсозии иқтисодӣ пешниҳод гардидааст.

Дар боби сеюм "Самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва абзорҳои такмилдиҳии он дар хоҷагиҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳқиқ гардида, дурнамои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар объекти таҳқиқот пешниҳод гардидааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ тақвият дода шудаанд. Асосноккунии илмӣ, назариявӣ ва коркарди равишҳои методологии муайян намудани самтҳои самарабахши ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ навгонии илмии таҳқиқоти анҷомдодаи Юсуфзода Ф.С. мебошад.

Дар доираи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд дар ҳаҷми умумии 2,1 ҷузъи чопӣ нашр гардидаанд. Илова бар ин, дар маҷаллаву нашрияҳои соҳавӣ ва маҷмуаи мақолаҳои илмии аз натиҷаи кори конфронсҳо ба табъ расида, инчунин мавзуъҳои гуногуни бахши воқеии иқтисодиёт беш аз 5 мақолаи дигари илмӣ дар ҳаҷми 2,3 ҷузъи чопӣ дар матбуоти даврӣ нашр гардидаанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия ва дараҷаи илмии онҳо гувоҳи он аст, ки диссертант асарҳои олимон-иқтисодчиёни ватанию хориҷиро дар самтҳои оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ба мақсади ташкили истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазиру ба содирот нигаронидашуда, таъмини талаботи аҳолӣ ба маводи озуқаворию худӣ, дар заминаи коркарди ашёи хоми кишоварзӣ то ба маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда расонидани он, таъсиси ҷойҳои нави корию устувор дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ хеле хуб мавриди омӯзиш қарор дода, эҷодкорона истифода бурдааст. Ҳамчунин, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, ҳаҷми иттиллооти истифодашудаи аввалия тасдиқ карда шудааст ва ин ба унвонҷӯ имконият додааст, ки таҳлили амиқи онҳоро ба анҷом расонад. Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок карда шудаанд.

Дар раванди иҷрои кори илмӣ, бахусус масоили дар нақшаи рисола дарҷгардида, муаллиф аз равишҳои услубӣ ва усулҳои илмии таҳқиқот истифода намудааст ва чунин амал имконият додааст, ки диссертант натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти истифодаи мақсадноку фоидаовар,

яъне оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ноил шавад.

Ҳамаи давраҳои раванди таҳқиқот аз рӯйи иҷрои нақшаи кори илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар такмилдиҳии ҷойгиркунии соҳаҳои гуногуни кишоварзӣ, муайян намудани омилҳои ба ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии соҳаи кишоварзӣ таъсиррасонанда, ошкор намудани роҳҳои асосии оптималии ҷойгиркунии зироатҳо дар соҳаи кишоварзӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маводҳои илмӣ оид ба мафҳуми ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва оптималикунонӣ, таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати онҳо, таҳияи модели математикии ҷойгиркунӣ саҳми худро гузоштааст.

Хулоса, диссертасияи Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ дар мавзуи «Самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ (дар мисоли хоҷагиҳои вилояти Хатлон)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва
аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Шарифов З.Р.

Имзои Шарифов З.Р. - ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.